Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳанифаи Эмомӣ Азимзода, дар мавзӯи “Ташаккули низоми буҷетикунонии барномавию ҳадафманди рушди бахши саноат”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Илми иқтисодии муосир вобастагиҳои банақшагирии буҷетиро ба таври ҳамешагӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки ин вобастагиҳо тамоюли тағйирёбии доимӣ дошта, масъалаҳои ба хароҷоти буҷет бахшидашуда ҳамеша дар ҳолати тағйирёбӣ мебошанд. Дар ҳолате, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи стартегии худ, гузаштан аз шакли аграриву индустриалӣ ба шакли индустриаливу аграриро гузошта аст, омӯзиш, таҳлил ва баррассии масоили банақшагирии лоиҳаҳои ҳадафманди буҷет ва самаранокии храҷоти ба онҳо вобаста буда, мубрам арзёбӣ мегарданд.

Дар автореферати диссертатсия муаллиф вобаста ба асосҳои назариявию методологии буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар пояи равишҳои лоиҳавӣ таҳқиқот намуда, дар асоси таҳлили мафҳумҳои ба ҳам алоқаманди «принсипи ҳадафманди банақшагирӣ», «равиши системавии банақшагирӣ», «буҷетикунонӣ дар асоси барномаҳо», «принсипи ҳадафманди банақшагирӣ дар буҷетикунонии барномавӣ» ва амсоли инҳо таърифи муаллиффии хешро чунин иброз медорад, ки усули барномавию ҳадафманд тариқи татбиқи усулҳои сершумори банақшагирӣ ва пешгӯикунӣ, нисбат ба усули маъмули буҷетикунонӣ афзалиятҳои муайянро доро буда, низоме мебошад, ки истифодаи захираҳои буҷетӣ ва иҷроиши онҳоро дар тамоми равандҳои фаъолияти буҷет, тибқи барномаҳои афзалиятноки тасдиқгардида, дар доираи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ амалӣ намуда, алоқамандии равандҳои буҷетиро барои рушди иҷтимоиву–иқтисодӣ таъмин менамояд. Хусусияти фарққунандаи ин равиш таваҷҷуҳи хос доштанаш ба натиҷагирӣ мебошад (саҳ. 14-15).

Инчунин аз ҷониби муаллиф дар автореферат бамаврид қайд мегардад, ки татбиқи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд

имкониятҳои васеи чандирияти идоракунии захираҳои буҷетӣ ва амалишавии афзалиятҳои барои соҳаҳои иқтисодиёти давлат муҳим бударо фароҳам оварда, ба паст гардидани хароҷот ва баланд шудани хизматрасониҳо меорад (саҳ. 17).

Ҳамчунин дар автореферати кори таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллифи таҳқиқот вазъи муосири механизми буҷетикунонии ҳадафманди рушди саноат дар кишвар, баҳогузории самаранокии буҷетикунонии рушди саноат, ҷолибияти сармоягузории бахши саноат ҳамчун заминаи буҷетикунонии ҳадафманди рушди он мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуда, аз ҷумла қайд мегардад, ки дар баробари таҳаққуқи ба буҷаи давлат аз ҳисоби рушд кардани бахши саноатӣ ворид гардидани воситаҳо, бояд хароҷоти бахши буҷет ба бахши саноат низ мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор дода шаванд, зеро масъалаи баҳогузории самаранокии воситаҳои буҷет мураккаб буда, тақсимоти онҳо бояд чунон ба роҳ монда шавад, ки ба ҳалли проблеммаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ мусоидат кунанд (саҳ. 24).

Ҳамчунин муаллифи диссертатсия дар автореферати кори таҳқиқотӣ қайд мекунад, ки дар доираи асоснок намудани заминаҳои институтсионалӣ ва дурнамои татбиқи консеписяи буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар ҳошияи равиши лоиҳавӣ бо таваҷҷуҳ ба ташкили курсҳои омӯзишии буҷетикунонии бахши саноат ва бо назардошти ҷалби васеи кормандони сохторҳои молиявии кишвар ба раванди омузиши методикаи тартиб додани лоиҳаҳои буҷетикунонии барномавию ҳадафманд, чун зинаи ибтидоии гузариши фарогир ба низоми мазкур, консепсияи таҳияшудаи тартиби ташкил ва баргузории лоиҳаҳои омӯзишии ҳадафманд пешниҳод карда мешавад (расми 3, саҳ. 32).

Аз нигоҳи мо қобили қайд ҳамон аст, ки дар автореферат консепсияи ташаккули механизми буҷетикунонии барномавию ҳадафманд дар шароити иқтисодиёти рақамиро хеле бомаврид ва аз лиҳози илмӣ асоснокшуда пешниҳод намудааст (саҳ. 37).

Метавон ибрози ақида намуд, ки муаллиф ба мақсади хеш ноил гардида кори асоснокшударо пешниҳод намуда тавониста аст. Аммо агар тавсияҳои дар поён зикр мешударо ба инобат мегирифт ҳусни кор хело боз ҳам хубтар мешуд. Аз ҷумла:

1. Агар дар автореферати диссертатсия маводҳои таҳлилӣ оид ба бахши саноати кишвар дар шакли схемавӣ ё консепсия пешниҳод мешуд, хубтар мебуд;

2. Аз ҷониби муаллиф агар дар автореферат мақоми ягон корхонаи мушҳаххасро меовард, ба ҳусни кор замм мегардид.

Ҳамин тариқ бо боварӣ метавон иброз намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ҳанифаи Э.А. кори баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ иҷро гардида, ба талаботи б. 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз:**
**н.и.и. и.в., дотсент мудири кафедраи**
**Молия ва қарз-и ДТТ** **Собирҷонов А.С.**

Имзои Собирҷонов А.С..-ро тасдиқ мекунам:
**н.и.с., и.в., дотсент Сардори раёсати кадрҳо**
**коргузорӣ ва назорати ДТТ** **Раҳматулло Нусратулло**

**(Суроға: 734061, ш. Душанбе, хиёбони Н.Карабоева, 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Тел: (+992) 907-31-88-01, E-mail:**
alisher.1986@rambler.ru

**07.05.2025**